Тасдиқ менамоям,
Муовини якуми Вазири рушди иқтисод
ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
роҳбари Гурӯҳи корӣ

__________ Солеҳзода А. А.

“28” июли соли 2022

# П Р О Т О К О Л И №06

**ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳии чараёни иҷрои барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ дар соли 2022 дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

аз 28 июли соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ ва мутахассисони вазорату идораҳо (руйхат пешниҳод мегардад).

**Иштирок надоштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ аз вазоратҳои маориф ва илм, кишоварзӣ, наклиёт, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ).

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои « Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2022» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2020, №252 );

2.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №128);

3.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе барои то соли 2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №78).

Ҷаласаро роҳбари Гурӯҳи корӣ, Муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода А. А. ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи он шинос намуданд.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа оид ба иҷрои «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022» Муҳсинзода Ғафур Муҳсин- муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузоришро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Ҳадафи асосии Барнома, ин ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва беҳтар намудани дастрасии гурӯҳҳои осебпазири он ба хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ва аз

байн бурдани пардохтҳои ғайрирасмии хизматрасониҳои тиббӣ аз ҷониби аҳолӣ ва кам кардани бистарикунонии беасос ва харҷи маблағҳои буҷети давлатӣ дар сатҳи беморхонавӣ, таъмин намудани дастрасии бештари аҳолӣ ба хизматрасониҳои камхарҷи дармонгоҳӣ ва таъмини афзалият ба рушди самтҳои пешгирии бемориҳо ва оризаҳои онҳо мебошад.

Қайд намудан лозим аст, ки дар соли 2021 ҳиссаи маблағҳои ҳампардохт нисбат ба маблағҳои буҷетӣ (ба муассисаҳои КАТС 7,4 фоиз ва ба муассисаҳои госпиталӣ 11,6 фоиз), нишондиҳандаи хизматрасониҳо дар хадамоти бистарикунонӣ ба хизматрасониҳои ройгон (51,9 фоиз ва ба хизматрасониҳо ба таври ҳампардохт 48,1 фоиз), нишондиҳандаҳои хизматрасониҳо дар КАТС (хизматрасониҳои ройгон 39,7 фоиз, хизматрасониҳо ба таври ҳампардохт 60,3 фоиз) ва хараҷотҳои маблағҳои ҳампардохт (музди маоши иловаги 23,1 фоиз, маводи доруворӣ 40,4 фоиз, хариди таҷҳизот 5,0 фоиз ва дигар хароҷотҳо 31,5 фоиз)- ро ташкил мекунад.

Ҳамзамон, пешниҳод гардид, ки ҳисобот бо назардошти ҷадвали ҷамъбастии ноҳияҳои таҷрибавии ҷумҳурӣ дар алоҳидаги тибқи иҷрои нақшаи барнома таҳлил гардида, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод карда шавад.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Одиназода М.С. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Роҷеъ ба масъалаи дуюм оид ба ҷараёни иҷрои «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №128 тасдиқ шудааст, Ярбабаева Малика- сардори Раёсати саноати сабук ва пиллаи Вазорати саноат ва технологияҳои нав суханронӣ намуда, сипас Пулотов Абдурауф-муовини сардори Раёсати саноати сабук ва пиллаи Вазорати саноат ва технологияҳои нав гузориш манзур намуд.

Барнома бахри амалӣ намудани маҷмӯи чорабиниҳо ҷиҳати ҳавасмандгардонии молистеҳсолкунандагон, таъмини коркарди пурраи ашёи хом, аз ҷумла нахи пахта, пӯст ва пашм дар дохили кишвар, пешбинӣ шудааст, ки заминаи рушди саноати сабук ва афзоиши содироти маҳсулоти тайёр буда, ҳамзамон ҷиҳати таъмини раванди аз кишвари аграрӣ–саноатӣ ба индустриалӣ–аграрӣ табдил додани Тоҷикистон чораҳо ба нақша гирифта шудаанд.

Дар солҳои 2018-2021 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук аз 2,7 млрд. сомонӣ ба 4,1 млрд. сомонӣ расидааст, ки ин 1,5 баробар нисбат ба соли 2018 афзоиш ёфтааст.

Ҳамзамон, пешниҳод гардид, ки ҳисобот бо назардошти индикаторҳо, ҳадаф, тадбирҳо ва вазифаҳои гузошташуда пурра гардида, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод карда шавад.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Файзуллозода Ф.В., Аҳадзода Б. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Тибқи рузномаи ҷаласа вобаста ба Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе барои то соли 2025 Гуреззода Умед-муовини Раиси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оид ба ҷараёни иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №78 дар шакли рӯнамо гузориш пешниҳод намуд.

Таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр ба барномаи мазкур то соли 2025 431 адад чорабинӣ ба маблағи умумии 35,2 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 3,2 миллиард сомонӣ ё 9,1 фоиз аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, 9,4 миллиард сомонӣ ё 26,7 фоиз аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, 11,4 миллиард сомонӣ ё 32,4 фоиз аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва 11,2 миллиард сомонӣ ё 31,8 фоиз аз ҳисоби маблағҳои бахши хусусӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамзамон, зимни таҳлилҳои гузаронидашудаи панҷ солаи аввали нақшаи чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе маълум карда шуд, ки иҷроиши корҳо дар соли 2017 ба андозаи 94 фоиз, соли 2018 – 70 фоиз, соли 2019 – 94 фоиз, соли 2020 – 95 фоиз, соли 2021 – 85 фоиз ва дар маҷмӯъ иҷроиши нақшаи панҷ солаи аввал ба андозаи беш аз 86 фоиз таъмин гардидааст.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Файзуллозода Ф.В. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Дар охири ҷаласа бо дарназардошти қайдҳои боло чунин қарор қабул карда шуд:

1. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи иҷрои «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022»-ро бо дарназардошти эроду пешниҳодҳо такмил дода, то 5 августи соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

2. Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (Абдулвориси В.) оид ба ҷараёни татбиқи «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022»-ро мавриди арзёбӣ қарор дода, аз ҷараёни иҷрои он гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 20 августи соли 2022 пешниҳод намояд;

3.Вазорати саноат ва технологияҳои нав натиҷаи иҷрои «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022»-ро бо дарназардошти эроду таклифҳо такмил дода, то 5 августи соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

4.Сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт (Аҳадзода Б.) қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №128-ро мавриди арзёбӣ

қарор дода, аз ҷараёни иҷрои он гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 20 августи соли 2022 пешниҳод намояд.

5.Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе барои то соли 2025»-ро бо дарназардошти эроду пешниҳодҳо такмил дода, то 5 августи соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

6.Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақа (М. Мадҷон) оид ба ҷараёни татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе барои то соли 2025»-ро мавриди арзёбӣ қарор дода, аз ҷараёни иҷрои он гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 20 августи соли 2022 пешниҳод намояд;

Котиби масъул Ҳ. Мавлонова